# Азкоре, ки баъди ҳар намози фарз аст, гӯяндааш - ё анҷом диҳандааш- баъд аз ҳар намоз, пушаймон намегардад: сию се бор тасбеҳ гуфтан, сию се бор ҳамд гуфтан ва сию чаҳор бор такбир гуфтан аст

Аз Каъб ибни Ъуҷра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Азкоре, ки баъди ҳар намози фарз аст, гӯяндааш - ё анҷом диҳандааш- баъд аз ҳар намоз, пушаймон намегардад: сию се бор тасбеҳ гуфтан, сию се бор ҳамд гуфтан ва сию чаҳор бор такбир гуфтан аст."
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи азкоре хабар доданд, ки гӯяндааш зиён намебинад ва пушаймон намешавад, балки савоби ин калимаҳоро хоҳад гирифт. Ва ин зикрҳо баъд аз намози фарзӣ пай дар пай гуфта мешаванд: "Субҳоналлоҳ" сию се бор, ба маънои пок донистани Аллоҳ аз ҳамагуна нақсу камбудиҳо. Ва "Алҳамду лиллоҳ" сию се бор, ки васфи Аллоҳ бо камоли комил бо ҳамроҳи муҳаббат ва бузургдошт аст. Ва "Аллоҳу акбар" сию чаҳор бор, Аллоҳ аз ҳама чиз бузургтар ва боазаматтар аст.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee